«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
_____Ибодуллозода А.И.
«10» декабри 2022

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав» ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900 - Шарқшиносӣ (6D 020902 -адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.

Диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав» ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» ба банди 5-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 6D 020900 - Шарқшиносӣ (6D 020902 -адабиёти форсӣ) мутобиқат менамояд.

То имрӯз атрофи масоили мухталифи «шеъри нав», ки аз оғози зуҳураш беш аз сад сол мегузарад, пажӯҳишҳои пуршуморе дар адабиётшиносии тоҷик ва дар маҷмуъ адабиётшиносии ҷаҳон сурат гирифтааст. Ногуфта намонад, ки замоне сухан аз шеъри нав дар миён меафтад, нахуст номи Нимо Юшиҷ ҳамчун бунёнгузори ин шохаи тоза дар адабиёти муосири форсӣ ба зеҳн мерасад. Воқеан Нимо таҳаввули бисёр амиқе дар шеъри муосири форсӣ ба зуҳур расонид, ки фарогири ду ҷанбаи асосӣ буд: ҷанбаи сохторӣ ва муҳтавоӣ. Бар асоси назарияи Нимо маҳз муҳтаво аст, ки якҷо бо ҷараёни халлоқи андешаи як ҳунарманд сабабгори зуҳури сохтори шеър мегардад.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Перомуни ҷузъиёти кори Нимо ва сабку шеваи нигориши ӯ таълифоти зиёде анҷом шудааст. Танҳо яке аз мавзуъҳои камшинохташуда дар чаҳорчӯби «шеъри нав» масъалаи таҳаввулу дигаргунаест, ки бар асари шаклгирии ҷараёни «шеъри нав» дар офариниши манзума ба амал омадааст.

Ҷолиби диққат аст, ки ин мавзуъ дар диссертатсияи докторант Абдусаломзода А. мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аҳаммияту мубрамияти масъала низ маҳз дар ҳамин хулоса мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор ин масъала мавриди пажӯҳиши монографӣ қарор мегирад. Дар адабиёти таҳқиқӣ шикастани суннати манзумасароиро низ ба номи Нимо нисбат медиҳанд, ки шарҳаш дар диссертатсияи зикршуда батафсил омадааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳаққиқ пеши худ мақсад гузошта бо таҳлилу арзёбии адабиёти мавҷуд заминаҳои аслии таҳаввулу тағйири суннати манузумасароиро дар адабиёти форсӣ бо шумори иқтизои шеъри нав ва мустанад намуда, ҳамзамон намунаҳои манзумаҳои Нимо ва таъсири онҳоро бар дигар шоирон ба риштаи таҳқиқ бигирад. Гузашта аз ин вусъати таъсири Ниморо дар манзумаҳои пайравони мактабаш баррасӣ намояд. Масъалаи дигаре, ки муҳаққиқ пешорӯ дошта, омӯзишу баррасии мавзуъ дар шеъри муосири тоҷик буда, ки дар мисоли ашъори шоирони маъруф М. Қаноат ва А. Ҳаким анҷом шудааст.

Боби аввали диссертатсия зери унвони «Нимо ва таҳаввули шеъри нави форсӣ» шомили се зербоб аст. Дар **зербоби аввал** муаллиф кӯшиш намуда, муҳимтарин нукотро дар иртибот бо масъалаи пайдоишу шаклгирии ҷараёни шеъри нав бозгӯ намояд.

Шинохту омӯзиши маводи таҳқиқ диссертантро ба ин натиҷа расонида, ки муҳимтарин заминаи зуҳуру пешрафти падидаи шеъри нав вуқуи Инқилоби Машрута ба шумор меравад. Инқилоб падидаи нодире буд, ки дар тамоми соҳоти иҷтимоъ, аз ҷумла дар шеър тағйироти махсус ба амал овард, ки адабиёт низ аз он истисно набуд.

Замон аз шоир тақозо менамуд, ки шеваи кор, тарзи кори эҷодиашро дигаргун созад. Муҳим аз ҳама лозим буд забони шеър дигар шавад, зеро шеър ба мухотабон нигаронида шудааст ва дарки ҳадафу мақсади он ба дараҷаи донишу зеҳни мухотабон вобаста аст.

Дар зербоби мазкур батафсил перомуни кӯшишу талошҳои намояндагони адабиёти форсӣ то замони вуқуи инқилоб ва дар имтидоди он маълумот дода шудааст.

Ба андешаи диссертант яке аз заминаҳои муассир дар зуҳуру густариши шеъри нав ва андешаҳои навпардозона таъсири шеъри туркӣ ва вуруди адабиёти мағрибзамин тавассути тарҷума буд. Бисёре аз шоирон ва чеҳраҳои саршиноси кишвар, ки солҳо дар Туркия ва кишварҳои ғарбӣ мисли Фаронсаву Олмон зиста буданд ва дасткам бо забони туркӣ ва фарҳангу андешаи сиёсӣ ва осори адабӣ-ҳунарии Аврупо ошно буданд, пас аз бозгашт дар таблиғу тарвичи андешаҳои наву шеваҳои тозаи эҷод нақш бозиданд. Яке аз самтҳои талошу ҷустуҷӯи онҳо ёфтани қолабҳои тозатар ва мавзуъҳои бикр буд. Маъмултарин қолабҳо дар замони инқилоб мусаммату маснавӣ, мустазоду рубоӣ ва ғазал буд. Дар ин бахш шавоҳиде дархури матлаб аз шоирони замони машрута нақл шудааст.

Дар бахши дигари зербоби аввал атрофи аввалин сарояндагони шеъри нав дар Эрон баҳс шудааст. Зикр шуда, ки дар адабиётшиносии Эрон ҳарчанд Ниморо ҳамчун бунёнгузори ҷараёни «шеъри нав» мешиносанд, аммо то Нимо буданд шоироне, ки аввалин ашъори навпардозонаро халқ кардаанд.

Дар таҳқиқ ба сифати мисол ашъори навпардозонаи шоирони давр А. Лоҳутӣ, Ш. Касмоӣ ва Тақӣ Рафъат, Ҷаъфар Хоманаӣ оварда шудааст.

«Нимо шоири манзумасаро (Нақши Нимо дар таҳаввули манзумасароӣ)» унвони зербоби дуюми боби аввал мебошад. Дар оғози ин зерфасл таъкид шуда, манзуманависӣ ё маснависароӣ дар адабиёти форсӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Шоирон дар тӯли замон бо риояти авзони арузӣ ва шаклҳои хоси қофияандешӣ манзумаҳои пуршуморе эҷод намудаанд, вале Нимо дар эҷоди манзума по аз гилеми худ фаротар ниҳод. Нахустин манзумаи ӯ «Қиссаи ранги парида, хуни сард» буд, ки дар пайравии маснавии Мавлоно суруда шуда буд. Ин маснавӣ аз нигоҳи сохтор тозагие надошт, вале дар матни он матолибе мавҷуд буд, ки дар манзумаҳои пешин ба кор нарафта буд. Аз ҷумла, Нимо дар манзума то андозае иҷтимоъро вориди шеър месозад. Шоир аз нобасомониҳои рӯзгор, воқеияти зиндагии мардум, махсусан муҳити шаҳру шаҳршиносӣ забони шиква боз гушодааст. Диссертант бо истинод ба ақидаи муҳаққиқони шеъри Нимо таъкид намуда, ки «манзумаи мазкур яке аз устувортарин офаридаи Нимо дар шеваи классик аст» (дисс. саҳ. 41). Ҳарчанд шоир тамоми қоидаву талаботи шеъри классикро дар манзума риоят намуда, вале нигоҳи ӯ масъалаи аслии он, ки мавзуи ишқ аст, комилан тозаву ибдоъомез аст.

Бахши дигари зербоби дуюм ба таҳлилу арзёбии манзумаи «Афсона» ихтисос дорад. Таъсири ин манзума дар адабиёти муосири Эрон ба гунае буд, ки онро дар оғоз бо ашъори Шелли қиёс менамуданд.

Тозагӣ дар ин шеър аз нигоҳи фаннӣ зиёд набуд, танҳо тарҳи масъала, шеваи ҷаҳоннигарӣ, тасвиргарӣ комилан дигар буд.

Муҳимтарин вижагиҳои ин манзума тибқи навиштаи унвонҷӯ истифодаи равиши мукаммал, гуфтугӯи озод ва табиӣ дар матни шеър буд. Ба қавли шоир чунин сохторе барои шоир озодиро дар тӯлонӣ сохтани матлаб фароҳам месозад. Аз ҳама муҳим Нимо мехост шеърро бо табиати забон наздик намояд.

Дар ин бахш диссертант дар бораи вазни «Афсона», ки дар баҳри мутадорик мебошад, сухан ронда таъкид меварзад, ки пеш аз Нимо шоирони дигаре мисли Маликушшуаро Баҳор, Орифи Қазвинӣ, Мирзо Ҳабиби Хуросонӣ аз он истифода намудаанд.

Ба ақидаи диссертант муҳимтарин қадами шоир дар эҷоди манзума инқилоби ӯ дар мазмуну муҳтавои шеър буд. Нимо бар ин назар буд, ки шеъри классики мо як ҷомеияти кулливор дорад. Аксар шоирони пешин дар атрофи мавзуи матруҳа ба таври умумӣ суҳбат мекунанд. Нимо ин суннатро шикаст, ба шеъри форсӣ рангу ҷилваи бумӣ-маҳаллӣ бахшид. Ончи ки аз ёфтаҳо ва таҳқиқи диссертант бармеояд ин аст, ки манзумаи романтикии «Афсона» ҳар хонандаеро вомедорад дар атрофи рози зиндагиву табиати инсонӣ бияндешад. Аз сӯйи дигар бо эҷоди он шоир хостааст бо чунин шевае услуби куҳнаро канор бизанад ва барои шеъри муосир забони тозаеро баргузинад.

Бо назардошти он ки манзумаи «Мурғи омин» дар миёни манзумаҳои шоир ҷойгоҳи хосае дорад дар зербоби сеюми боби аввал манзумаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Таъкид шуда, ки мурғон дар девони шоир ҷойгоҳи хоса дошта мурғ яке аз такякаломҳои шоир маҳсуб мешавад. Бархе аз мурғон вуҷуди воқеӣ дошта, гурӯҳе ҷанбаи устуравӣ-ривоятӣ доранд.

«Мурғи омин» ҷанбаи тамсилӣ дорад. Мурғе, ки аз миёни орзуву омол, хостаҳову дуоҳои мардумӣ берун омадааст. Дар зерфасл ба таври мухтасар сужаи манзума ва ҷузъиёти муҳтавои он бозгӯ шудааст.

Аммо аз нигоҳи навоварӣ қабл аз ҳама корбурди арӯзи нав, наздик сохтани шеър ба табиати забон, диди тоза бинишу эҳсосу авотифи нав, дар тавсифу тарсими табиату ҷаҳон аст.

Ҷанбаи дигаре қобили мулоҳиза мустақилияти шеър дар ибрози андеша аст ва ниҳод диду назари интиқодӣ нисбат ба ҷомеа.

Боби дуюми диссертатсия «Нигоҳе ба манзумаҳои пайравони мактаби Нимо» ба таҳқиқу таҳлили манзумаҳои пайравони мактаби Нимо бахшида шудааст. Ҳарчанд онҳое, ки ба таъсирпазирӣ аз шеваву

сабки Нимо манзума сароидаанд пуршуморанд, дар диссертатсия интихобан ба манзумаҳои шоирони баргузида, ки хешро аз шогирдон ва обхӯрда аз сарчашмаи шеъри Нимо медонанд, ишорат шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм перомуни манзумаҳои яке аз шогирдони наздики Нимо Сиёвуши Касрой изҳори назар шудааст. Тибқи навиштаи унвонҷӯ С. Касрой аз зумраи шоироне буд, ки ибтидои солҳои панҷоҳум ба мактаби Нимо пайваст ва то охир ба он содиқ монд.

Диссертант дар оғоз нигоҳи кутоҳе ба масири зиндагии шоир андохта, ба муҳимтарин марҳилаҳои эҷодиёти ӯ ишорат меварзад. Манзумаи нахустини ӯ бо номи «Ораши камонгар» соли 1958 ба нашр мерасад ва бо сабку сохтораш мавриди таваҷҷуҳ карор мегирад.

Ба манзумаи «Ораши камонгир» маъруфтарин адабиётшиносону мунаққидони замон Парвиз Нотили Хонларӣ, М.А.Солис, Беҳозин, Комёр Обидӣ ва дигарон нақд навишта, онро манзумаи ҳамосие хонданд, ки бо арӯзи нимоӣ иншо шудааст.

Диссертант дар ин бахш қабл аз таҳлили манзумаи «Ораши камонгир» масири тавсифу бозтоби устураи Орашро дар адаби форсӣ ба риштаи тахрир кашидааст. Баъдан образи Орашро дар достони Касрой мавриди таҳқиқ карор додаст.

Ба навиштаи унвонҷӯ ҳамосаи «Ораши камонгир» бо бозтобу ситоиши табиат оғоз мегардад. Он чи ки қабл аз ҳама дар матни манзума ҷалби назар мекунад, забони манзума аст.

Нуктаи дуюми қобили мулоҳиза шеваи баён аст. Шоир дар инъикоси масоили мавриди назар аз унсури ривоят истифода менамояд, ки бисёр муассир аст.

Дар зерфасли дуюм манзумаи «Муҳраи сурх»-и Касрой таҳқиқ шуда, ки замони ҳиҷрати вай дар Москва таълиф шудааст, ки «Муҳраи сурх» бозофаринест аз достони «Рустаму Суҳроб»-и Фирдавсӣ. Аз сӯйи дигар манзумаро метавон арзёбии мушикофонае ба масири тайшудаи рӯзгори худи С.Касрой донист. Роҳе, ки хатову иштибоҳоти зиёде дошт. Манзума дар қолаби нимоӣ, баҳри рачаз эҷод шудааст.

Шеваи баён мисли «Ораши камонгир» ривоятгуна аст. Барҷастагии аслии манзума ҳунари тасвиргарии шоир аст. Дар ин манзума, ки мероси даврони солхурдагии шоир аст, ба андешаи диссертант Касрой ба охирин пойдориҳову нақшҳои забонии худ мерасад. Дар манзума шоир махсусан ба ҷанбаи мусиқоии вожагони шеър ҳуруфи мушобеҳ, лаҳн таваққуфҳо, ивази сохтори ҷумлаҳо, диққати хос додаст. Муҳимтарин вижагии ин манзума ба ақидаи унвонҷӯ таҳаққуқи орзуи Нимо, яъне наздик шудани шеър ба табиати баёни забон аст.

«Истиқболи Суҳроби Сипеҳрӣ аз манзумаҳои Нимо Юшиҷ» унвони зербоби дуюми боби дувум аст. Дар оғози зерфасли таъкид шуда, ки Сипеҳрӣ харчанд осори зиёде таълиф намуда, вале танҳо манзумаҳои ӯ мебошанд, ки номи ӯро дар адабиёти муосир машҳур намуданд. Шоир бо манзумаҳои «Садои пойи об» ва «Мусофир» вориди майдони адабиёт шуд.

Дар бахши аввали зерфасл нахуст манзумаи «Садои пойи об» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Пажӯҳишу таҳқиқ диссертантро ба ин натиҷа оварда, ки манзумаҳои шоир аз ҷумла «Садои пойи об» ба маънои воқеии калима шеъри нав ҳастанд. Ба ин маънӣ, ки ҳам баёни онҳо тоза аст ва ҳам маънии онҳо.

Дар «Садои пойи об» он чи ҷалби назар мекунад баҳрагирӣ аз забони гуфторӣ ва шигифтиҳои он аст. Дастгоҳи фикрии шоир низ қобили мулоҳиза аст. Аз нигоҳи фаннӣ бошад шеър дар қолаби нимоӣ суруда шудааст. Яке аз ҷанбаҳои барҷастаи ин манзума истифодаи фаровони санъати ташхис аст.

Манзумаи дуюми шоир «Мусофир» низ обхурда аз сарчашмаи мактаби Нимо аст. Дар вазни муҷтаси нимоӣ «мафоилун фаилотун»-эҷод шудааст ва муҳаққиқон онро идомаи «Садои пойи об» мешуморанд. Диссертант талош намуда, тозагиҳои ин манзумаро дар сатҳҳои гуногун тафсиру баён намояд.

Таҳқиқ унвонҷуро ба ин натиҷа расонида, ки дар қиёс бо манзумаҳои Нимо, манзумаҳои Сипеҳрӣ ҷанбаи ирфонӣ доранд, вале вазни нимоӣ то андозае дар онҳо муроот шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик» номгузорӣ шудааст. Боби мазкур шомили зерфаслҳои пуршуморе аст, ки дар чаҳорчӯби ҳар яке матолиби ҷудогонае ҳаллу фасл шудааст. Дар зербоби якум диссертант ба таври амиқу густурда бо зикри далоили илмӣ муҳимтарин вижагиҳои адабиёти ин давр, заминаҳои навҷуӣ ва навандеширо таҳлилу арзёбӣ намудааст.

Унвонҷӯ дар радифи заминаҳои боризи таҷаддуд ва навоварӣ дар шеър ба нақши симпозиуми байналмилалии шеъри форсизабонон дар соли 1967, ки дар Тоҷикистон сурат гирифт таъкид меварзад.

Дар зербоби дуюми боби се масъалаи шеъри муосири тоҷик ва бархурди нақди адабӣ ба он ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар ин бахш ба муҳимтарин осори таҳқиқӣ, ки дар иртибот бо шеъри нав, масоили навоварӣ ва шоиронаи навпардоз дар тулии ним асри охир аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик сурат гирифта, ишорат шудааст.

Зербоби сеюм бошад мурури кутоҳеро дар атрофи сайри маснавӣ дар адабиёти классик дарбар гирифта, перомуни машҳуртарин маснависароён маълумот медиҳад.

Дар зербоби баъдӣ манзумаҳои шоирони маъруф М.Турсунзода, А.Лоҳутӣ, Муъмин Қаноат таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Ба андешаи унвонҷӯ таҳаввули чашмгир нахуст дар манзумаҳои муосири тоҷик дар офаридаҳои шодравон М.Қаноат ба вуқуъ пайваст. Аз нигоҳи ӯ сарчашмаи муваффақиятҳои М.Қаноат ошноии амиқу мутолиоташ дар заминаи адабиёти классик, адабиёти ҷаҳон ва махсусан шеъри Нимо буд. Бехуда нест, ки ӯро яке аз сутунҳои шеъри нави тоҷик меҳонанд.

Дар бахши мазкур таҳқиқ шуда, ки шоир аз дидаҳову андухтаҳои худ кор гирифта ҳаргиз таклид накардааст.

Нахустин манзумаи ӯ «Мавҷҳои Днепр» аст, ки соли 1967 иншо шуда. Шоир аз анъанаи пешини достоннависӣ канор рафтааст. Аз созу абзори нав кор гирифтааст.

Достон аз бандҳо иборат буда, бандҳо панҷмисраӣ, чаҳормисраӣ мебошанд, ва дар онҳо қофиясозии қитъа ва маснавӣ истифода шуда. Дар радифи «Мавҷҳои Днепр» маснавии «Китобҳои захмин» ва «Суруши Сталининград» тарҳу баррасӣ гардидаанд. Яке аз вижагиҳои мухимтарини достони «Суруши Сталинград» ин танавуи авзони матни он аст. Хусусияти дигари ин манзума аз он иборат аст, ки қофия дар он накши асосӣ надорад. Бояд гуфт, ки достон бар асоси рукни солими баҳри ҳазаҷ мафоилун-эҷод шуда, ҳарчанд оғозаш мусаммати мураббаъ аст. Диссертант чунин натиҷа гирифта, ки таҳаввулу навандешӣ дар матни манзумаҳои М.Қаноат беш аз ҳамаи шоирон маҳсус аст. Дар охирин зерфасли диссертатсия муаллиф манзумаи «Санги ман - алмос»-и А.Ҳакимро ба риштаи таҳрир кашидааст. Сабаби аслии ин интихоб дар он аст, ки манзума дар замони истиқлол эҷод шуда ва гузашта аз ин унсурҳои навпардозона дар он зиёданд. Шоир дар эҷоди ин манзума беш аз ҳар каси дигаре дида аз маснавиҳои Сипеҳрӣ таъсирпазир аст.

Диссертант дар ин зербоб ба таври муфассал дар бораи мазмуну муҳтавои манзума сухан рондааст.

Натиҷаи ниҳоии ӯ ин аст, ки дар ин манзума таъсирпазирӣ аз андоза берун аст ва бештар мо сояи таклидро дар он эҳсос мекунем.

Дар охир бояд зикр намуд, ки рисолаи хубе аз ҷониби Абдусаломзода А. таълиф шуда, ки дар шинохти масоили марбут ба шеъри нави тоҷик махсусан манзумасароӣ бисёр пурахаммият аст.

Дар баробари муваффақиятҳои кор бояд ба чанд нукта ишора намуд, ки дар беҳбуди таҳқиқ муҳим ба назар мерасанд.

1. Дар боби аввали таҳқиқ фасли алоҳидае ба масъалаи заминаҳои пайдоишу шеъри нав ва асосгузорони он ҷудо шудааст. Ба андешаи мо бо назардошти ин ки ин мавзуъ дар адабиётшиносии тоҷик то ҳадди лозим таҳқиқ шудааст, хуб буд

муҳаққиқ аз он сарфи назар намуда, бештар атрофи мавзуи аслӣ изҳори назар менамуд.

2. Зерфасли сеюми боби сеюм, ки ба ҷараёни манзумасароӣ ихтисос дорад, мантиқтар аст ба боби якум оварда шавад.
3. Дар боби аввал лозим аст, ба дигар манзумаҳои Нимо ишора гардад ва муҳимтарин шохисҳои онҳо дар иртибот бо масъалаи навпардозӣ муайян карда шаванд.
4. Диссертант дар таҳлили манзумаҳои Сухроби Сипеҳрӣ бештар бо тавсифу баёни муҳтаво такявар аст, хуб буд ба ҷанбаи навовариву навандешӣ низ таваҷҷуҳ мешуд.
5. Масъалаи аслӣ дараҷаи таъсирпазирии шоирони тоҷик дар манзумасароӣ аз шеъри нав ба гумони мо тафсили бештар мехоҳад.

Албатта эродҳои мазкур ба муҳтавои аслии таҳқиқот халал ворид намесозанд.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки се адади он дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо мухиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900-Шарқшиносӣ (6D 020902-адабиёти форсӣ) сазовор аст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900-Шарқшиносӣ (6D 020902-адабиёти форсӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 8 декабри соли 2022, суратҷаласаи № 5 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 16, «зид» – нест, «бетараф" – нест.

Раиси ҷаласа:

доктори илми филология, профессор, мудири
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш.А.

Эксперт:

доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев В.Ҷ.

Котиби илмии ҷаласа:

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев А.А.

Имзоҳои д.и.ф., Солеҳов Ш.А.,
д.и.ф. Элбоев В.Ҷ. ва н.и.ф. Шоев А.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 987650043
E-mail: soleh59@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj